# ПРОТОКОЛИ №1
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-013 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисосҳои 6D060200-Информатика ва 6D070500-Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ

03 декабри соли 2020 ш.Душанбе

## ИШТИРОК ДОШТАНД:

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Юнусӣ М.К. | д.и.ф.м. | 05.13.18 |
| 2. | Қурбоншоев С.З. | д.и.ф.м. | 05.13.18 |
| 3. | Садуллоев Р.И. | н.и.ф.м | 05.13.18 |
| 4. | Одинаев Р.Н. | д.и.ф.м. | 05.13.18 |
| 5. | Солиҳов Д.Қ. | д.и.ф.м. | 05.13.18 |
| 6. | Сайдаминов И.А. | д.и.т. | 05.13.18 |
| 7. | Шерматов Н. | д.и.т. | 05.13.10 |
| 8. | Бобоева Р.М. | н.и.и. | 05.13.10 |
| 9. | Гулова М. | н.и.ф.м | 05.13.10 |
| 10. | Қосимов И.Л. | н.и.т. | 05.13.18 |
| 11. | Одинаева С.А. | н.и.ф.м. | 05.13.10 |
| 12. | Садриддинов П.Б. | н.и.ф.м. | 05.13.18 |

**Раисикунанда**: раиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-013, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Юнусӣ М.Қ.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Садуллоев Роҳатулло Изатуллоевич.

**Раисикунанда:**

- Ҳамкорони муҳтарам дар ҷаласаи имрӯза аз 15 нафар аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ (Тибиқи фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсис додани Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA.013 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисосҳои 6D060200 - Информатика ва 6D070500 – Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ, №23 аз 06 июни соли 2017) 12 нафар, аз ҷумла 6 нафар доктори илм ҳузур доранд.
- Кворум ҳаст. Мувофиқи Дастурамал дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, шӯрои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад, ки ҷаласаро кушода эълон намояд.
- Таклиф аст, ки маҷлисро кушоем. Дигар пешниҳодҳо нест?

- Нест. Бо як овоз қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

1. Пешниҳоди диссертатсияи Ёров Меҳрдод Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Амсиласозии компютерии системаи иттилоотию хизматрасонии Комиссияи олии аттестатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо.

**Раисикунанда:**

- Кӣ тарафдори рӯзномаи пешниҳодшуда аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Зид, бетараф нест. Бо як овоз қабул шуд.

**Котиби илмӣ:**

- Ҳамкорони муҳтарам, барои пешниҳоди диссертатсияи Ёров Меҳрдод Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Амсиласозии компютерии системаи иттилоотию хизматрасонии Комиссияи олии аттестатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо, экпертони шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шуда буд:

- доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, узви шӯро Одинаев Р.Н. (ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо), раиси комиссия;
- номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, узви шӯро Садриддинов П.Б. (ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо), узви комиссия;
- номзади илмҳои техникӣ, узви шӯро Қосимов И.Л. (ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо), узви комиссия.

Ба шӯрои диссертатсионӣ Хулосаи экспертони шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудааст. Комиссия дар асоси дида баромадани диссертатсияи Ёров Меҳрдод Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Амсиласозии компютерии системаи иттилоотию хизматрасонии Комиссияи олии аттестатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо, диссертатсияи мазкурро ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Инчунин комиссия пешниҳод менамояд, ки:

- муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

- муқарризони расмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Ҷӯрабоев Ғафурҷон Ҷӯрабоевич ва номзади илмҳои техникӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи информатика ва техникаи ҳисоббарори факултети технологияҳои иттилотӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Нарзуллоев Саидаҳмад Абдусаидович таъин карда шаванд.

**Раисикунанда:**

- Муҳтарам аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ. Экспертони шӯрои диссертатсионӣ диссертатсияи Ёров Меҳрдод Раҳматуллоевичро дар мавзӯи «Амсиласозии компютерии системаи иттилоотию хизматрасонии Комиссияи олии аттестатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Дигар пешниҳодҳо нест?

- Нест. Таклиф мешавад, ки барои пешниҳоди диссертатсия ба ҳимоя овоз дода шавад. Зид, бетараф нест. Бо як овоз қабул карда шуд.

- Пешниҳод карда мешавад, ки ба диссертатсияи иҷрошуда муассисаи пешбар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъин карда шавад.

Дигар пешниҳодҳо нест?

- Нест, пас хоҳиш менамоям, ки ба пешниҳоди мазкур овоз диҳед. Зид, бетараф нест. Бо як овоз қабул карда шуд.

- Пешниҳод карда мешавад, ки ба диссертатсияи иҷрошуда муқарризони расмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Ҷӯрабоев Ғафурҷон Ҷӯрабоевич ва номзади илмҳои техникӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи информатика ва техникаи ҳисоббарори факултети технологияҳои иттилотӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Нарзуллоев Саидаҳмад Абдусаидович таъин карда шаванд.

Розигии муқарризон ва муассисаи пешбар дастрас шудааст.

Дигар пешниҳодҳо нест?

- Нест. Хоҳиш мекунам, ки ба пешниҳоди гузошташуда овоз диҳед. Зид, бетараф нест. Бо як овоз қабул карда шуд.

- Таклиф карда мешавад, ки рӯзи ҳимоя 04 марти соли 2021 таъин карда шавад ва ба чопи автореферат иҷозат дода шавад. Инчунин барои эълон намудани рӯзи ҳимоя ва ҷойгиркунии дигар парвандаҳо дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

- Дигар пешниҳодҳо нест?

- Нест. Хоҳиш менамоям, ки ба пешниҳоди гузошташуда овоз диҳед. Зид, бетараф нест. Бо як овоз қабул карда шуд.

## ҚАРОРИ ҶАЛАСА

1. Диссертатсияи Ёров Меҳрдод Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Амсиласозии компютерии системаи иттилоотию хизматрасонии Комиссияи олии аттестатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва муқарризони расмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Ҷӯрабоев Ғафурҷон Ҷӯрабоевич ва номзади илмҳои техникӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи информатика ва техникаи ҳисоббарори факултети технологияҳои иттилотӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Нарзуллоев Саидаҳмад Абдусаидович таъин карда шаванд.
3. Рӯзи ҳимоя 04 марти соли 2021 таъин карда шавад ва ба чопи автореферат иҷозат дода шавад. Инчунин барои эълон намудани рӯзи ҳимоя ва ҷойгиркунии дигар парвандаҳо дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Раиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA.013, д.и.ф.м., профессор — М.Қ.Юнусӣ

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA.013, н.и.ф.м., дотсент — Р.И. Садуллоев